# Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Абубакри Мирзоаҳмади Грезода дар мавзӯи "Таҳлили муқоисавии фалсафаи ахлоқи Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа**

Таҳқиқу омӯзиши таълимотҳои ахлоқии ниёгон аз масоили муҳимтарини илмҳои гуманитарӣ ба шумор меравад, зеро ҷомеаи муосир, ки дар гирдоби равандҳои глобализатсионӣ қарор дорад, метавонад таъсири манфии худро ба шуури насли наврасу ҷавон гузорад. Миллати тоҷик, ки дорои фарҳангу таммадун ва назарётии ахлоқии бою ғанӣ аст, месазад, ки бо истифода аз ин маънавиёти пурғановати хеш бохабар бошад ва ин гавҳари гаронарзишро пайваста такмил диҳад.

Бо дарназардошти ҳамин муҳиммият метавон гуфт, ки Абубакри Мирзоаҳмади Грезода бисёр мавзуи муҳим ва актуалиро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Тавре ки аз муҳтавои автореферат бар меояд, муаллиф заҳмати зиёде кашида, ба мақсади гузоштаи хеш ноил гардидааст.

Дар автореферат аҳмияти илмии таҳқиқи мавзӯъ барои ҷомеаи муосир асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиши он низ муайян гардидааст. Дар муқаддима фарзияҳои таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳо таҳқиқ, навгонии илмӣ, корбурди амалӣ ва равишҳои таҳқиқ хеле хуб дарҷ гардидаанд, ки гувоҳ аз таҳияи дуруст ва ҷавобгӯ ба талабот будани кори илмӣ мебошад.

Бешубҳа, дар автореферати рисолаи мазкур як навъ диди тоза, муносибати нав ба таҳқиқи мавзӯъ ба мушоҳида мерасад. Истифода аз рившҳои илмӣ, ба гардиши илмӣ ворид намудани манобеъ ва адабиёти гуногун имкон фароҳам овардааст, ки диссертатсия қолаби мушаххаси илмиро ба худ бигирад.

Дар боби аввал "Тавсифи умумии осори фалсафаи ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ" заминаҳои назариявии фалсафаи ахлоқи Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ барасӣ шуда, таъсири онҳо ба рушди ҷаҳонбинии мутафаккирони мавриди таҳқиқ нишон дода

шудааст. Инчунин, муаллиф ҷанбаҳои гуногуни масъалаҳои ахлоқиро дар таълимоти Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ баррасӣ намуда, дар асоси таълимоти онҳо мафҳумҳои "маънавиёт", "ахлоқ", "адолат", "саодат", "камолот", "ҳирс", "кибру ғурур", "ақл", "нафс", "лаззат", ва ғайраро аз нигоҳи воқеияти имрӯзаи ҳаёти ҷамъиятӣ ҳаматарафа таҳлил ва шарҳ додааст.

Хулосаи муаллиф, дар робита ба он, ки ахлоқ шакли шуури ҷамъиятӣ, ниҳоди иҷтимоие, ки вазифаи танзимкунандаи муносибат ва рафтору кирдори одамонро дар ҷамъият иҷро намуда, ҳамзамон вай баҳодиҳии фардро ба падидаҳои гуногуни иҷтимоӣ ва воқеият инъикос менамояд, аз лиҳози илмӣ дуруст мебошад. Махсусан, дар шароити имрӯза, ки тағйирёбиҳои куллии иҷтимоӣ-фарҳангӣ мушоҳида мешавад, вазифаи танзимкунандаи муносибатҳои иҷтимоӣ ва рафтори инсонҳо дар ҷомеа будани ахлоқ боз ҳам равшантар эҳсос мегардад.

Дастоварди арзишманди илмии муаллифи рисола он аст, ки тавонистааст дар асоси таҳлили муқоисавӣ арзишҳои ахлоқии хусусияти умумиинсонидоштаро муайян ва мавриди таҳлили герменевтикӣ қарор дода, дар зимн омилҳои косташавии ахлоқ ва роҳҳои пешгирии онҳоро дар ҷомеаи муосир пешниҳод менамояд.

Боби дуввуми рисола "Муқоисаи андешаҳои ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ" ба таҳқиқи андешаҳои ахлоқӣ, моҳияти фалсафаи ахлоқ, меъёрҳои ахлоқ, ҳамоҳангӣ ва тафовути осори ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тусӣ бахшида шудааст. Дар асоси таҳлилҳои амиқ ва омӯзиши адабиёти зиёд муаллиф ба хулоса омадааст, ки дар замони муосир, дар шароити вусъат ёфтани равандҳои ҷаҳонишавӣ ва шиддат гирифтани раванди бархӯрди тамаддунҳо ахлоқ ба фазои маънавие табдил ёфтааст, ки кӯчактарин тағийрёбии ҳаёти ҷомеаро эҳсос намуда, дар муносибат, рафтору кирдори одамон инъикос меёбад. Ин раванд, аз як ҷиҳат боиси ғанӣ гаштани симои ахлоқии одамон гардад, аз тарафи дигар омилҳоеро ба бор меоварад, ки сабаби косташавии ахлоқ мегарданд.

Дар баробари дастовардаҳои илмӣ дар автореферат баъзе камбудиҳо ба чашм мерасад, ба инобат гирифтани онҳо дар оянда ба салоҳи кор хоҳад буд. Аз ҷумла;

1. Таъсири таълимотҳои ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ ба рушди андешаҳои ахлоқии минбаъда нишон дода нашудааст;

2. Дар матни автореферати диссертатсия хатогиҳои услубӣ, граматикӣ ва мантиқӣ ба чашм мерасад;

Хулоса ба ҳеҷ ваҷҳ нуқсонҳои зикршуда аҳмияти илмии рисоларо коста намекунанд. Бешубҳа, муаллиф ба ҳадафи гузоштаи худ ноил гардидааст. Рисола дорои аҳмияти калони илмию амалӣ буда, бар асоси меъёрҳо ва талаботҳои муқарраркардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳо, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа, таҳия шудааст ва пурра ҷавобгӯ ба талабот мебошад.

**Академик:** **Имомзода М.С.**

Имзои Имомзода М.С.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Р. Расулзода

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС